# АХБОРОТИ

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН

# ИЗВЕСТИЯ

АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКСКОЙ ССР

ШӮЪБАИ ФАНҲОИ ҶАМЪИЯТӢ
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК

3 (73)

ДУШАНБЕ - 1973

**Раҳим Мусулмонқулов**

# ДАР БОРАИ СОХТ ВА МУНДАРИҶАИ “БАДОЕЪ-УЛ-АФКОР ФӢ САНОЕЪ-УЛ-АШЪОР”-И КОШИФӢ

Аҳвол ва осори Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ (ваф. 910 ҳ. - 1504 м.), мутаассифона, алҳол пурра омухта нашудааст ва асари у «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» умуман диққати муҳаққиқонро ҷалб нанамудааст. Ҳатто дар автореферати диссертацияи номзадии Муҳаммадҳусайни Беҳруз,[1] инчунин дар «Феҳрасти дастнависҳои тоҷикӣ ва форсӣ»-и А.Т. Тоҳирҷонов,[2] ки он ҷо 26 асари Кошифӣ ба руйхат даромадааст, китоби мазкур зикр наёфтааст.

Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Кошифӣ Навоӣ,[3] Хондамир,[4] Сом Мирзо,[5] Абдулло Кобулӣ[6] ва муаллифони баъзе дигар сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва асарҳои тадқиқотӣ камубеш маълумот дода бошанд ҳам, аз хусуси асари номбаршудаи у чизе нагуфтаанд. Асари мазкурро, агар хато накунем, бори аввал писари муаллиф - Мавлоно Фахриддини Сафӣ[7] ва пас муаллифони минбаъда - Э. Браун,[8] Е. Эдвардз,[9] Ч. Шефер,[10] Ҳ. Эте,[11] Е. Блоше,[12] Мавлавӣ Абдулмуқтадир,[13] Муҳаммадалии Табрезӣ[14] ва чанде дигарон дар силки осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ сабт намудаанд. Аз руи феҳрастҳои муаллифони мазкур маълум

[1] М.Х. Бехруз. Хусайн Ваиз Кашифи и его произведения эпистолярного жанра. Автореферат канд. дисс., М., 1970.

[2] А.Т.Тагирджанов. Описание таджикских и персидских рукописей ЛГУ, Л., ЛГУ, 1962, саҳифаҳои 100-106.

[3] Алишер Навоий. Асарлар, ун беш томлик, ҷ. 12, Тошканд, 1966, саҳифаҳои 123-124.

[4] Хондамир. Равзат-ус-сафо, ҷилди ҳафтум, Наввалкишур, 1308, саҳ. 90; Хулосат-ул-ухбор, дастнависи рақ. 2209 ИШ АИ РСС Ӯзбекистон, вар. 488б.

[5] Тазкираи Туҳфа Сомӣ, таълифи Сом Мирзои Сафавӣ, тасҳеҳ ва муқаддима аз Рукниддини Ҳумоюнфаррух, (бидуни макони нашр ва таърих), саҳ. 339.

[6] Абдулло Кобулӣ. Тазкират-ут-таворих, дастнависи рақ. 138 Хона-музеи проф. А.А.Семенов, варақҳои 182б-183а.

[7] Мавлоно Фахриддини Алии Сафӣ, Латоиф-ут-тавоиф, бо муқаддима ва тасҳеҳ ва таҳшия ва тароҷими аьлом, ба саъй ва эҳтимоми Аҳмади Гулчини Маонӣ, Теҳрон, 1336, саҳ. 277.

[8] A Catalogue of the Persian Manuscripts in the Library of the University of Cambridge, by E.G. Browne, Cambridge, 1896; A Hand-list of the Muhammadan Manuscripts preserved in the Library of the University of Cambridge, by E.G. Browne, Cambridge, 1900, p. 20.

[9] Catalogue of Persian Manuscripts in the Library of the India Office, vol. II, Containing additional Descriptions and indices, by the late H. Ethe, Revised and completed by Edward Edwards, Oxford, 1937, p. 117.

[10] Catalogue de la Collection de Manuscrits Orientaux Arabes, Persians et Turcs. Formee par M.Ch.Schefer, Paris, 1900, p. 119.

[11] Catalogue of Persian Manuscripts in the Library of the India Office, by H. Ethe, vol. I, Oxford, 1903, pp. 1591-1592.

[12] Catalogue des Manuscripts Persians de la Bibliotheque Nationale, par E. Blochet, Paris, vol. 2, p. 225.

[13] Catalogue of the Arabic and Persian Manuscripts in the Oriental Public Library at Bancipore, vol. VIII. Prepared by Maulavi Abdul Muqtadir Khan Bahadur, Patna, 1925, pp. 61-62.

[14] Муҳаммадалии Табрезӣ. Райҳонат-ул-адаб, ҷилди сеюм, Теҳрон, 1329, саҳ. 345.

мегардад, ки алҳол дар Франсия ва Англия се нусхаи дастнависи асар нигоҳ дошта мешавад:

1. Дар китобхонаи миллии Париж (тавзеҳи Блоше 1045, тавзеҳи Шефер 1506);[15]

2. Дар китобхонаи Университети Кембриҷ (рақ. 794);[16]

3. Дар «Индия-Офис» китобхонаи Университети Оксфорд (рақ. 530).[17]

Ҳамон навъе ки Ч. Шефер қайд кардааст, нусхаи дастнависи Париж дар санаи 987 ҳ. (1579 м.) китобат шудааст. Мураттиби Феҳрасти дигари китобхонаи миллӣ Е. Блоше моҳи саҳеҳи китобати дастхати мазкур -- моҳи сафари соли 987 (апрели 1579 м.)-ро нишон додааст. Аз рӯи гуфтаи Ҳ. Эте нусхаи дастнависи Китобхонаи Университети Оксфорд соли 1140 ҳ. (1727-28 м.) аз тарафи Муҳаммад Носир руйбардор карда шудааст. Мураттибони феҳрастҳои дастнависҳои Китобхонаи Университети Кембриҷ санаи китобат ва исми котибро зикр накардаанд.

Дар асоси дар Эрон мавриди истифода қарор нагирифтани ин асар[18] ва инчунин як иштибоҳи донишманди муҳтарам марҳум Саид Нафисӣ тахмин кардан мумкин аст, ки нусхаи дастнависи «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» дар китобхонаҳои Эрон шояд мавҷуд набошад. Саҳви ҷузъии Саид Нафисӣ аз ин иборат аст, ки у дар ҷилди якуми «Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ» асари номбаршударо дар ду маврид мансуб ба ду кас: «Муиниддин ё Камолиддин Ҳусайн бинни Али Кошифии Байҳақии Ҳиравии Воизӣ маъруф ба Мулло Ҳусайни Кошифӣ»[19] ва «Ҳусайн бинни Алӣ ал-муштаҳир ба ал-Шикофӣ»[20] донистааст. Гумони ғолиб ин аст, ки шахси дуюм сохта мебошад, зеро дар таърихи илму тамаддуни тоҷику форс фарде ба тахаллуси «Шикофӣ» дучор намеояд.

Дар Иттифоқи Советӣ як нусхаи дастнависи «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» мавҷуд мебошад, ки он дар Тошканд - дар захираи дастхатҳои Институти Шарқшиносии АИ РСС Узбекистон таҳти рақ. 2519/1 нигоҳ дошта мешавад. Азбаски тавсифи ин дастнавис дар ҳашт китоби феҳрасти дастхатҳои

[15] Нигаред: ҳошияи рақамҳои 10 ва 12.
[16] Нигаред: ҳошияи рақами 8.
[17] Нигаред: ҳошияи рақамҳои 9 ва 11.
[18] Сайид Муҳаммад Козим Имом дар сарсухани худ ба “Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ”-и Шарафиддини Ромӣ 18 асари мавҷудаи оид ба илми бадеъро номбар намудааст, ки дар он қатор асари Кошифӣ дучор намеояд, нигаред: Шарафиддин Ҳасан бинни Муҳаммади Ромии Табрезӣ, “Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ”, ба тасҳеҳ ва бо ҳавошӣ ва ёддоштҳои Сайид Муҳаммад, Козим Имом, Теҳрон, 1341/1962, саҳ. 8.
[19] Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, ҷилди аввал, Теҳрон, 1344, саҳ. 245-247.
[20] Ҳамон ҷо, саҳ. 401-402.

Институти мазкур дода нашудааст, ин ҷо дар ин хусус маълумоти мухтасаре додан зарур менамояд.

«Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» дар аввали муҷаллади рақами 2519 мавҷуд аст. Коғази дастхат дурушт буда, варақҳои 7, 14, 15, 17 18, 20 ва 36 сафедранг ва боқимонда зардча мебошанд. 13 вараќи аввали муҷаллад (0.1-0.13) мактуб ва ҳар навъ навиштаҷотро дарбар мегирад ва аз вараќи 0,14-ум (1б) матни «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» оғоз меёбад ва аз ҳамин ҷо сар карда, рақамгузории варақҳо бо қалам ишора карда шудаанд. Матни асар дар вараќи 45б ба охир мерасад, пас чанд вараќи муштамил аз ҳар навъ навиштаҷот ва чанд рисолаи дигар мавҷуд мебошанд. Хати дастнавис настаълиқ буда, ба дасти котиби камтаҷриба ва ё донишманде, ки котибӣ шуғли асосии у намебошад, тааллуқ дорад. Миқдори сатрҳои саҳифаҳо гуногун буда, аз 19 то 32 сатрро ташкил медиханд, вале аксаран 23-24 сатрӣ мебошанд. Матни рисолаи Кошифӣ то вар. 41а уреб /аз рост суи чап ба боло/ ва аз вар. 41а сар карда, рост навишта шудааст. Матни асар бо сиёҳӣ, сарлавҳаҳо бо сурхӣ сабт гартидаанд. Китоб зоҳиран ду бор таъмир дидааст; ба муқоваи ҳозира, ки сахти картонӣ мебошад, зоҳиран дар охирҳои асри XIX ва ё ибтидои асри XX дохил карда шудааст. Ҳаҷми китоб бо муқова 18,5 см бар 12 см, ҳаҷми варақҳои рисола I7,5 см бар 12 см ҳаҷми матн I7 см бар I2 см; ғафсии китоб 5 см..

Ин нусха чунин нуқсон дорад, ки матн дар вар. 14б дар мавзӯи «Мушокила» якбора қать ёфта, сухан дар вар. 15а аз давоми навъи шашуми ташбеҳ сар мешавад. Ин ҷо як варақ (зоҳиран ҳангоми саҳифабандии нахуст) афтидааст. Матни асар ба ҷуз баъзе калимаву иборахо, ки афсурда ва ё пок гардидаанд, осеби казоӣ надидааст. Аммо бояд гуфт, ки ин нусха аз нусхаҳои дигари дастнависҳои рисола мухтасартар буда, дар он баъзе порчаҳо ва санъатҳои бадеӣ дида намешаванд. Номи котиб зикр наёфтааст, вале санаи китобати он - соли 894 ҳ. (1488-89 м.) нишон дода шудааст. Бинобар ин, нусхаи мазкурро аз ҷиҳати санаи китобат қадимтарин ва ё яке аз нусхаҳои қадимӣ шумурдан мумкин аст.

Ин ҷо суоле ба миён меояд: модоме ки асари Кошифӣ то солҳои 1488-89 таълиф ёфтааст, бо кадом сабаб дар сарчашмаҳои адабию таърихии замон, махсусан таълифоти Навоӣ ва Хондамир зикр нагардидааст? Ҳамчунин, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ, ки у мувофиқи услуби пешгирифтаи худ гуфтаҳои донишмандонро дар ин ё он хусус истифода бурда, номи муаллифонро ҳатман нишон медиҳад. Дар «Бадоеъ-ус-саноеъ», ки чор-панҷ сол баъди таълифи «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» ба майдон омадааст (марти 1493), ин асарро ёде намекунад. Дар ин хусус тахмин кардан мумкин аст, ки Кошифӣ асари худро дар маҳфилҳои марказии Ҳирот, ки меҳвари он Ҷомию Навоӣ будаанд,

зоҳир нанамудааст. Дар солҳои 90-уми асри XV-и муҳити адабии Ҳирот, назар ба гуфтаҳои муаллифони сарчашмаҳои муътабар, дар масъалаҳои шеършиносӣ Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ягонаи давр ҳисоб меёфтааст ва у мувофиқи маслиҳати Навоӣ дар тараддуди таълифи асаре дар илми шеър будааст. Аз ин рӯ, шояд Кошифӣ, ки шуғли асосии у мисли Атоулло шеършиносӣ набуд, дар доирае, ки он ҷо Атоулло барин суханшиноси нуктасанҷе ҳузур дорад, зоҳир намудани чунин таснифоти худро воҷиб надониста бошад. Ҳамчунин, ин ҳолат эҳтимоли онро низ дошта метавонад, ки он бо ягон воқеаи таърихӣ ва ғ. алоқаманд бошад.

Ҳоло ба мо акси нусхаҳои Кембриҷ ва Париж низ дастрасанд ва онҳо барои дуруст хондан ва сарфаҳм рафтани матлаб, барои барқарор кардани шакли солими матн мадади ҷиддие мерасонанд. Азбаски тавсифу муқоисаи ҳаматарафаи нусхаҳои қаламии асари Кошифӣ аз доираи мавзуи мақола берун аст, дар ин хусус таваққуф нахоҳем кард.

Оғози нусхаи Тошканд,[21] чунин аст: «Ал-ҳамди-л-мабдаъ ул-бадоеъ ва-ш-шукри л-муншӣ-ус-саноеь, сумм-ус-салавоти ва-т-таҳоё, аҳадо ли ху-лосат-ил-бароё...» («Т» вар. 1б; «К», вар. 1б). Ҳамон навъе ки аз суханони муаллиф дида мешавад («Т», вар. 1б; «К», вар. 1б), он ба Амир Саид Ҳасан бахшида шудааст.[22] Дар дебочаи рисола номи мусанниф, унвони асар ва шароити таълифи он сабт гардидааст («К», варақҳои 16-2а).[23]

Дар хусуси мундариҷаи асар муаллиф мегуяд, ки «асоси ин рисола бар муқаддима ва ду боб ва хотима лоиқ афтод» («Т». вар. 2а; «К», вар. 3а). Муқаддима, ки иборат аз чор фасл мебошад, масъалаҳои гуногуни шеърро дарбар мегирад. Хотиррасон бояд кард, ки усули пешгирифтаи Кошифӣ аз муаллифони дигари дар бораи шеър таваққуфкарда як андоза тафовут дорад, зеро у, аз як тараф, ду навъи таърифи шеър; таърифи шеършиносон ва файласуфҳоро як ҷо ҷамь намуда бошад, аз тарафи дигар, шеърро аз нуктаи назари навъҳо (жанрҳо), қисматҳои таркибӣ, мавзуъҳо ва амсоли инхо ба хелҳо ҷудо кардааст. Чунончи, дар фасли аввали муқаддима, ки он «Дар таърифи шеър» ном дорад, баъд аз шарҳи маънии «шеър» ба тафсири маънои истилоҳии он гузашта, Кошифӣ менависад, ки «каломест мураттаб маънавӣ, мавзуни мутакаррар, мутасовӣ, муташобеҳ-ул-охир» (вар. 3б). Муаллиф баъд аз таърифи мазкур боз илова менамояд: «ва ин таърифи қудамост». Зоҳиран, муаллиф таҳти

[21] Ин нусхаро минбаъд шартан “Т” ва нусхаи Кембриҷро “К” хоҳем гуфт.
[22] Инчунин нигаред: Catalogue des Manuscripts Persians de la Bibliotheque Nationale, par E.Blochet, Paris, vol. 2, p. 225; Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср... ҷилди аввал, саҳ. 402.
[23] Бинобар он ки дар нусхаҳо тафовут ҳаст ва нусхаи “К” нисбатан саҳеҳ мебошад, истинод ба он шуд; иқтибосҳои минбаъдаи беистинод аз онанд.

ибораи «таърифи қудамост» шеършиносони пешин, саҳеҳтараш ақидаи назарии Шамси Қайси Розиро дар назар дорад, зеро таърифи у аз гуфтаҳои ин донишманд тақрибан фарқ намекунад.[24]

Кошифӣ сухани худро давом дода менависад: «Аммо он чи ҷумҳури мутааххирон бар онанд, ки шеър каломе бошад мухайял ва мавзуни муқаффо ма-ал-қасд» (вар. 36). Ҳамон навъе ки дида мешавад, ин ҷо нишонаҳои асосии шеър, яьне мавзунӣ, дорои тахайюл, қофия ва қасди муайяне будани он ки мувофиқи таърифоти мутафаккирон мебошад, нишон дода шудаанд. Ҷолиби диққат аст, ки муаллиф хусусиятҳои дар таърифи охирин зикрёфтаро шарҳу эзоҳ низ додааст, чунончи, «мухайял ба ҷиҳати он гуфтаанд, ки ғараз аз шеър тахайюл аст, яъне таъсир, то ҳусули он асар дар нафси сомеъ мабдаи судури феълӣ шавад аз у, ё мабдаи ҳудуси ҳаётӣ гардад. Ва мавзун гуфтаанд, то сухани номавзун хориҷ шавад. Ва муқаффо қайд кардаанд, то сухани мавзун, ки беқофия бошад, дохил нашавад. Ва ма-ал-қасд гуфтаанд, то он чи мавзун бошад аз Қуръону ҳадис, аз ин қисм хориҷ шавад чи онро «шеър» нагуянд» (вар. 36-4а).

Баъд аз фасли аввали муқаддима «Фоида» (вар. 2а-2б) меояд, ки дар ривояти ба Юъраб ибни Қаҳтон вобаста будани пайдоиши шеъри араб ва истилоҳи «шеър» нақл карда шудааст. Ҳақиқати ин ривоят, қимати назарияи Кошифӣ оид ба шеър ва сарчашмаҳои он, муносибати ақоиди ин муаллиф бо муосирон ва пешиниён, махсусан Ибни Сино ва Насириддини Тусӣ[25] мавзуи баҳси алоҳидае мебошанд.

Чуноне ки ишора шуд, Кошифӣ шеърро аз нуктаи назари жанр, мавзуъ, қисматҳо ва ғайра ба гуруҳҳо ҷудо карда, ҳар якеро алоҳида-алоҳида эзоҳ додааст. Чунончи, фасли дуюм «Дар бораи анвоъи шеър» шарҳу эзоҳи мухтасари қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, фард, маснавӣ, мусаммат ва тарҷеотро дарбар мегирад. Қисме аз ин жанрҳои шеърӣ ҳамчун қасида, ғазал, қитъа ва ғ. дар асарҳои шеършиносони пешин ҳам тафсир ёфта буданд, аммо Кошифӣ тавзеҳоти ононро то андозае равшантар кардааст, ки инро дар мисоли шарҳи ғазал низ пай бурдан мумкин аст.

Рашиди Ватвот истилоҳи «ташбиб»-ро мухтасар ба минволи зайл шарҳ дода: ташбиб сифати холи маъшуқ, ва ҳоли хеш дар ишқи у гуфтан бошад», боз

[24] Нигаред: Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайс ар-Розӣ. Ал-муьҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, ба тасҳеҳи Муҳаммад, бинни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ, бо муқобила бо шаш нусхаи хаттии қадимӣ ва тасҳеҳи Мударрис Ризавӣ, Теҳрон, саҳ. 196.

[25] Нигаред: Фанни шеър. Аз “Шифо”-и Буалӣ Сино. Маҷаллаи “Сухан”, давраи севвум, шумораи 6-7, 1325, саҳ. 502. Насириддини Тусӣ. Асос-ул-иқтибос, Теҳрон, 1326, саҳ. 586-587; Меъёр-ул-ашъор, Теҳрон, 1325, саҳ. 2.

илова менамояд, ки «ва инро насиб ва ғазал низ хонанд».[26] Чунон ки мебинем, ин ҷо се истилоҳи адабӣ ба ҳам омехта ва ягона дониста шудаанд.

Шамси Қайс ғазалро батафсилтар шарҳ дода, навиштааст, ки «Ғазал - дар асли луғат самари духтарон ва ҳадиси эшон аст; ва муғозилат – ишқ - бозӣ бо занон аст... Ва аз ин ҷиҳат шарҳи аҳволи ошиқ ва сифати ҷамоли маъшуқро ғазал хонанд».[27] Ҳамон навъе ки академик А.М. Мирзоев тадқиқ кардааст, агар Рашиди Ватвот ғазалро бо насибу ташбиб омехта бошад, Шамси Қайс ба мустақилияти онҳо ишора кардааст.[28]

Муаллифи «Дақоиқ-уш-шеър» Тоҷ ал-Ҳаловӣ (асри XIV) хусусиятҳои мундариҷавӣ ва услубии ғазалро қисман нишон дода бошад ҳам, жанри мустақил будани онро равшан нагуфтааст. «Ба забони суханшиносон, - мегуяд ғазал тарвеҳи хотир ва хушомади табъ аст, ба зикри ҷамоли маъшуқ аз васфи зулфу хол ба ҳикояти васлу ҳаҷр, ки мубанно бошад, бар вазне хушу таркибе узб ва маънии уриқ; орӣ аз ибороти муғлақ».[29]

Ҳусайн Воизи Кошифӣ баъди шарҳи маънои луғавии «ғазал» дар маънии истилоҳии он менависад, ки «ба забони суханшиносон ғазал назмеро гуянд, ки муштамил бар васфи шаклу шамоили маҳбуб ва шарҳи шикоят ва ҳикояти ҳоли муҳиб бошад ва ба наъти ҳусну ҷамол ва сифати зулму хол ва баёни ҳаҷру висол ороста бувад» (вар. 5а). Ба замми таърифоти мазкури ғазал Кошифӣ боз баъзе хусусиятҳои хоси ин жанри машҳури лирикаро нишон медиҳад, ки қисме аз нишонаҳои он, чунончи оид ба миқдори байтҳо, дар асарҳои муаллифони пешин дучор намешавад. «Ва саломати алфозу узубати маонӣ, - менависад у, -аз хасоиси уст ва тасреи матлаъ аз лавозим; ва аз татаббуъ ва истеърои каломи арбоби фасоҳат мафҳум мешавад, ки камтар адади абьёти ғазал панҷ аст ва аксари он понздаҳ ва он чи миёни ин ва он бувад, ансаб аст» (вар. 5а-5б).

Кошифӣ аломатҳои баъзе жанрҳои шеърии дар замони худ маьлумро ба қалам додааст, ки ин қимати назарии асари уро меафзояд. Чунончи, у дар бораи фард маълумот додааст, ки он дар асарҳои суханшиносони маъруфи пешин, ҳамчун Умари Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайс, Тоҷ ал-Ҳаловӣ ва дигарон ба назар намерасад. Кошифӣ гуфтааст: «Фард -- як байтро гуянд, ки мусарреъ набошад; ва ҳар оина, бояд, ки он байт дар ҷазавоти худ ороста бошад ба масале ё маънии хос, то мақбули табоеъ ва шоистаи истимоъ гардад» (вар. 6а).

---

[26] Рашидаддини Ватвот. Девон, бо муқаддима ва муқобила ва тасҳеҳи Саид Нафисӣ, бо китоби "Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър", аз руи чопи марҳум Аббос Иқболи Оштиёнӣ, Теҳрон, 1339, саҳ. 705.

[27] Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 201-202.

[28] А. Мирзоев. Рудакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV. Сталинобод, 1958, саҳифаҳои 28-29.

[29] Алӣ бинни Муҳаммад ал-муштаҳир ба Тоҷ ал-Ҳаловӣ, Дақоиқ-уш-шеър, ба тасҳеҳ ва бо ҳавошӣ ва ёддоштҳои Сайид Муҳаммад Козим Имом, Теҳрон, 1341, саҳ. 86.

Дар фасли сеюми муқаддима, ки он «Дар баёни ақсоми шеър» ном дорад, оид ба ёздаҳ қисмати таркибии шеър ва навъҳои сифатии он: мураддаф, маҳҷуб, маҷдуд, матбуъ, мулоим, салис, саҳли мумтанеъ, ҷазл, муртаҷал, фикрӣ за зуъулнавъайн маълумот дода мешавад.

Баъзе аз шеършиносони маъруф, ҳамчун Рашиди Ватвот, Шамси Қайс, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар асарҳои худ қисматҳои алоҳида роҷеъ ба шарҳи баъзе истилоҳоти адабӣ ҷудо намудаанд[30] ва Кошифӣ низ фасли охирини муқаддимаро ба ҳамин матлаб бахшида, истилоҳҳои эҷоз, баст, мусовот, матлаъ, мақтаъ, мусарраъ, байт, назм, наср, насиб, ташбиб, байт-ул-қасида, муворида, дуои таьбидро эзоҳ додааст.

Баъд аз фасли чаҳорум ба муқаддима «Фоида» илова гардидааст, ки он ҷо муаллиф навъҳои асарҳои бадеӣ ҳамчун тавҳид, наът, мунқибат, мавъиза, асрор, мадҳу мадеҳа, ҳаҷву ҳиҷо, ҷид, ҳазл, мутоиба, марсия, мунозира, хамриёт ва қасамотро мухтасаран, вале соддаю фаҳмо ва гоҳе бо мисолҳо шарҳу эзоҳ додааст. Бояд гуфт, ки қисми зиёди истилоҳҳои номбаршуда дар асарҳои муаллифони пешин дучор намешаванд ва аз ин нуктаи назар низ китоби Кошифӣ дорои қимати махсусе мебошад.

Дар боби аввали рисола «Дар баёни саноеъи шеър», ки қисмати зиёди китобро ташкил медиҳад, санъатҳои бадеии тарсеъ, таҷнисот, иштиқоқ, тазод, саҷъ ва амсоли инҳо баён ёфтаанд. Ҳарчанд оид ба санъатҳои бадеии адабиёти мо асарҳои сершуморе ҳоло мавҷуданд, ин қисмати асари Кошифӣ дорои аҳамияти муайяне мебошад, зеро, аз як тараф, муаллиф таърифоти як қатор санъатҳои мавҷуда, ҳамчун таҷнис, такрор, тазмин, мутавашшеҳот, иқтифо ва ғайраро равшантар карда бошад, аз тарафи дигар, хусусиятҳои назарии ироф, тарсиф, акомил, ирсоли малех, барин чанде санъатҳои каммаълум ва ё номаълумро баён намудааст ва, аз тарафи сеюм, дар зимни шарҳу эзоҳ ба хусусиятҳои хоси услубӣ-эҷодии баъзе адибони пешин ва муосири худ ишораҳо кардааст. Барои шиносоӣ бо равияи Кошифӣ ва қиёси ҷиҳатҳои услубии асари у баёни санъати такрорро дар асарҳои якчанд шеършиносон иҷмолан аз назар гузаронидан мумкин аст.

Муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» дар қисмати охирини асари худ, ки он шарҳи мухтасари қариб бист истилоҳи адабиро дарбар мегирад, аз ҷумла доир ба такрор навиштааст: «Мукаррар -- шеъреро гуянд, ки дар як байт

---

[30] Нигаред: Рашиди Ватвот, Девон... саҳ. 705-707; Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 412-444; Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ, дастнависи рақ. Догм-319 Китобхонаи давлатии оммавии Ленинград ба номи Салтыков-Шедрин, варақҳои 194б-200а; ҳамин муаллиф, ҳамин асар, нусхаи дастнависи рақ. КП-3351 Музеи давлатии таърихи маданият ва санъати Самарқанд, саҳ. 360-369.

лафзе мегуянд ва дар дигар байт бар асари у хамон лафзро боз меоранд».[31] Рашиди Ватвот баъд аз ин таърифот барои мисол рубоиеро меорад, ки онро ба қалами Асчадӣ мансуб медонанд ва пас илова менамояд, ки «баъзе гуянд, ки мукаррар - он бувад, ки лафзи қофиятро дубора боз гуянд».

Шамси Қайс такрорро дар дохили навъҳои таҷнис шарҳ дода бошад ҳам ишора кардааст, ки «такрир худ ба нафси хеш саньатест»,[32] вале дар бораи он тақрибан чизи дигар нагуфтааст.

Соҳиби «Дақоиқ-уш-шеър» Тоҷ ал-Ҳаловӣ ин санъати бадеиро нисбатан муфассалтар шарҳ дода, «чи дар қофия ва чи дар миёни байт» омадани онро қайд карда, шабоҳату тафовути онро бо таҷнис аз руи ҳоли худ зикр кардааст.[33]

Дар хусуси санъати бадеии мазкур Ҳусайн Воизи Кошифӣ мегуяд, ки «ин бар ду навъ аст» (вар. 24б): якум он ки ҳар як калимаи такроршуда маънии дигар дошта бошад; «ва он дохили таҷнисот аст»; дуюм такрорҳое, ки ҳамаи калимаҳо дар як маънӣ кор фармуда шуда бошанд, ва ин, бино ба қавли муаллиф, ҳафт навъ аст: мутлақ, мусайяр, мусабба, мустаниа, такрири ма-ал-восита, такрири муаккид ва такрири ҳашв.

Ҷолиби диққат аст, ки Кошифӣ такрорро ҳам аз нуқтаи назари маҳалҳои ҷойгиршавии унсурҳои он, ҳам аз ҷиҳати ҳусну қубҳ, ба гуруҳҳо ҷудо намуда, ҳар якеро бо як мисоли аз осори шоирон нишон додааст. Чунончи, у дар бораи такрори мутлақ, мегуяд, ки «он чунон бошад, ки алфози мукаррара дар як маҳал беш эрод карда нашавад» (вар. 25а). Муаллиф қайд менамояд такрор дар аввали байт, аввали мисраи байт, танҳо аввали мисраи сонӣ, охири байт, охири ҳар ду мисраи байт омада метавонад. В худ, дар бораи такрори ма-ал-восита Кошифӣ менависад: «он чунон аст, ки миёни алфози мукаррар восита афтад; ва ин навъ мукаррар аз ҳусне холӣ нест» ва барои исботи фикри худ байтеро зикр менамояд, (вар. 26б).

Умуман, бояд қайд намуд, ки равиши Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар масъалаи шарҳу тафсири саньатҳои бадеӣ бо равияи асосии шеършиносони пешин -- ҳамчун Умари Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайс, Шарафиддини Ромӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Тоҷ ал-Ҳаловӣ ва дигарон қаробат дошта, аз услуби Атоулло Маҳмуди Хусайни фарқ мекунад, зеро:

1. У, ба мисли дигар муаллифон, маъниҳои луғавию истилоҳии санъатҳоро баён карда, шарҳу эзоҳ медиҳад ва фикри худро бо мисолҳо пурқувват менамояд; фақат гоҳ-гоҳе оид ба ин ё он масъала ақидаи муаллифони пешин, аз қабили

---

[31] Рашиди Ватвот, Девон.., саҳ. 706.

[32] Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фи маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 342.

[33] Алӣ бинни Муҳаммад ал-муштаҳир ба Тоҷ ал-Ҳаловӣ, Дақоиқ-уш-шеър, саҳ. I7-19.

Рашиди Ватвот, Шамси Қайс, Насириддини Тусиро қайд мекунад. Аммо Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ тақрибан дар ҳамаи санъатҳои бадеӣ афкори ҷолиби диққати на танҳо донишмандони тоҷику форс, балки муаллифони арабизабонро низ маълум карда, пас мувофиқи донишу маҳорат ва ҷаҳонбинии худ онҳоро ҷамъбаст менамояд.

2. Бо мақсади исботи фикр Кошифӣ мисолҳое меорад, ки онҳо аксаран аз ҷиҳати ғояву мазмуну мавзуъ умумӣ ва ишқианд ва ба равияи маъмулии дигар муаллифон монанд аст, аммо аксари кулли далелҳои шеърии «Бадоеъ-ус-саноеъ» дар мавзуъҳои ҳаётиву замонавӣ буда, мазмунҳои шикоят, танқиди замон, панду насиҳат ва амсоли инҳоро дарбар мегиранд.

3. Аксари шеърҳои «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашьор» ба мисли асарҳои дигар шеършиносон номаълуммуаллифанд, вале дар “Бадоеъ-ус-саноеъ” соҳибони қариб ҳамаи мисолҳо зикр гардидаанд.

Дар баробари инҳо, асари Кошифӣ дорои баъзе хусусиятҳои хос низ мебошад, ки барои мисол соддагии тарзи баён, возеҳии мақсад ва нисбатан кам оварда шудани мисолҳоро нишон додан мумкин аст. Инро низ қайд кардан метавон, ки агар Рашиди Ватвот, Шамси Қайс, Тоҷ ал-Ҳаловӣ ва дигарон дар овардани мисолҳои арабӣ майле дошта бошанд, чунин ҳолат дар асарҳои Кошифӣ ва Атоулло тақрибан мушоҳида карда намешавад.

Боби дуюми «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор», «Дар баёни уюби назм» номида шудааст, вале муаллиф боз илова менамояд, ки «ва инро илми накд хонанд» (вар. 98б). Маълум аст, ки роҷеъ ба танқиди адабӣ аз пешиниён махсусан Шамси Қайс дар асари машҳури худ оид ба накди адабӣ, хусусиятҳои ин илм, вазифаҳои ноқиди сухан хеле фикрҳои пурарзиш гуфта буд.[34] Ҳусайн Воизи Кошифӣ бино бар сабаби он ки ноқидӣ пешаи асосии у набудааст, дар масъалаҳои номбаршуда ба гуфтаҳои Шамси Қайс чизи бисёре наафзудааст, вале бо вуҷуди ин, қисмати мазкури асари у дорои аҳамияти муайяне мебошад.

Муаллифи номбурда дар маънии луғавии «накд» менависад, ки «накд дар луғат баргузидан бошад ва берун овардани дарҳамсара аз миёни дароҳамносара» («Т», вар. 34б). «Ва дар истилоҳ, -- менависад у, -- иборат аст аз илме, ки бад-он ҳайяди шеър аз рӯи он мутмайиз гардад ва нек аз бад фарқ карда шавад. Ва ин илмро ба ҷиҳати он «накд» гуфтанд, ки чунончи наққод дароҳампок аз миёни дароҳаммағшуш интихоб мекунад, ин ҷо низ соҳиби ин илм ба табъи ваққод сухани покиза ва беайб аз миёни суханони ношоиста ва маъюб илтифот менамояд» (ҳамон ҷо).

[34] Аз ҷумла нигаред: Ал-муъҷам фи маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 455- 460 ва ғ.

Пас муаллиф як қатор иллатҳои шеърӣ: мусолата, салх, интиҳол, элом, мунoқиса, узул (хатои лафзӣ ва хатои маънавӣ), таҷаммеъ, самоҳат-ул-ибтидо, самоҳат-ул-интиҳо, мухолифати насиб ва ташбиб, ракокат-ут-тахаллус, ибром-ус-суол, маклаф (мутакаллафи мазмум ва мутакаллафи маҳмуд), тахлеъ, ан-нузул фи-л-мадҳиро, ки аҳли адаб бояд онҳоро донанд, шарҳу эзоҳ додааст.

Хотимаи рисола – «Дар баёни маънии қофия ва адади ҳуруфу ҳаракот ва авсофу алқоб ва зикри маоиб, ки тааллуқ бад-у дорад», аз ҳафт фасл иборат мебошад ва мутаносибан маънии қофия ва ҳарфҳову ҳаракоти он, навъҳои қофия, қофияи асливу маъмулӣ, қофияи шойгон, айбҳои қофия, айбҳои радифро дарбар мегирад, ки оид ба ин масъалаҳо батафсилтар таваққуф кардан дар айни замон аз имкон берун мебошад.

Аз тавсифи иҷмолии сохти таркибии «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» ва мундариҷаи он бармеояд, ки ин асари Ҳусайн Воизи Кошифӣ, аз як тараф, дар омузиши афкори адабӣ-эстетикии муаллиф ва умуман ақидаҳои назарии асри XV, аз тарафи дигар, дар таҳқиқи сайри таърихии афкори назариявии гузаштагон ва, аз тарафи сеюм, дар инкишофи танқиди адабии муосири тоҷик ва ба ин васила дар пешравии адабиёти бадеӣ низ дорои аҳамияти калоне мебошад.

**УНИВЕРСИТЕТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ В.И. ЛЕНИН** **АВГУСТИ СОЛИ 1972**

**имзо**
**17.V.73**

طرز اول را با بهانه حجمش
کلا ن گردانیده اند
پس خودم آن را با اندکی تحریر و اختصار ماشنکه
کردم که آن همگی ۱۳ صفحه شد بجای ۱٤ صفحه امکان

P-S: Айби ин нусхаи солим дар саҳ. 2, 5 ва 9
истинодҳои лотинӣ нест; дар варианти собиқ

Р. МУСУЛЬМАНКУЛОВ

# ОБ УСТРОЙСТВЕ И СОДЕРЖАНИИ ЛИТЕРАТУРНО-ТЕОРЕТИЧЕСКОЙ СОЧИНЕНИИ КОШИФИ «БАДОЕЪ-УЛ-АФКОР ФИ САНОЕЬ-АЛ-АШЪОР»

Малоизвестное произведение Камолиддина Хусайна Воиза Кошифи «Бадоеъ-ул-афкор фи саноеъ-ул-ашьор» («Художественные мысли в поэтических фигурах»), которое посвящено теоретическим вопросам литературы, состоит из введения (о поэзии, ее сущности, видах и т.п.), двух глав (о художественных фигурах таджикско-персидской поэзии и литературной критики) и заключения (о рифме).

Указанное сочинение имеет важное значение в изучении истории литературно-эстетической мысли таджикского народа вообще, и теоретических воззрений автора в особенности.